**Маълумотнома**
**оид ба Фестивали байналмилалӣ – анъанавӣ, ҳунар ва муди Тоҷикистон , ки тайи рӯзҳои 23.11. то 25.11.2019 дар Муассисаи давлатии “Душанбе-Плаза” баргузор гардид**

Тибқи мактуби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз санаи 13.11.2019с №1-(1)-902 ва ҳамкорӣ бо Иттифоқи ҳунармандон аз санаи 23 то 25 ноябри соли 2019 дар Муассисаи давлатии “Душанбе-Плаза” Фестивали байналмилалӣ – анъанавӣ, ҳунар ва муди Тоҷикистон бо иштироки тарроҳону меҳмонони хориҷӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур намоиши ҳунарҳои мардуми аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Авғонистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Украина ба номоиш ва фуруш гузошта шуда буд.



Бояд қайд намуд, ки дар фестивали мазкур 28-нафар донишҷӯдухтарони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои намоиши либосҳои тарроҳону меҳмонони хориҷӣ иштирок намуданд.










Боиси ифтихор аст, ки аз тарафи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Бунёди байналмилалии касибони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки фаъолонаи донишҷӯдухтарон ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кубок такдим гардид.



Мудири бахши кор бо занон ва духтарон аз тарафи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Бунёди байналмилалии касибони Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкаткунандаи сездаҳум Фестивали байналмилалии ҳунар ва мӯди “Диёри Ҳусн-2019”, ки бо ифтихори Солҳои рушти сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид бо Сертификат қадрдонӣ карда шуд.

Ҳамзамон, донишҷӯи курси 4 Факултети “Технология ва дизайн” –и донишгоҳ Асматуллоева Нилуфар барои иштироки фаъолона дар Фестивали байналмилалӣ анъанавӣ, ҳунар ва муди Тоҷикистон, ки бо либосҳо миллӣ ва либосҳои давлатҳои хориҷа диққати ҳакамон ва иштирокчиёни Фестивали мазкурро ҷалб намуд сазовори ҷои якум гардид.






Тароҳи Ҷавон Донишҷӯи курси 3 - юми Факултети “Технология ва дизайн” Саидова Фарида бошад аз ҷониби Вазири  фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Бунёди байналмилалии касибони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли сездаҳумин Фестивал байналмилалии ҳунар ва мӯди “Диёри Ҳусн-2019”  сазовори Сертификат гардид.

**Мудири бахши кор**
**бо занон ва духтарон** **Раҷабова С.А.**

**Маълумот оид ба**
**Конференсияи байналмилалӣ – анъанавӣ, ҳунар ва муди «Диёри Ҳусн”**

Санаи 25 ноябр бо ташаббуси роҳбари Бунёди байнанмилаллии Ҳунарҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳафт Пайкар” - Мукаррама Қаюмова дар Муассисаи давлатии “Душанбе-Плаза” Конференсияи байналмилалӣ – анъанавӣ, ҳунар ва муди «Диёри Ҳусн” бо иштироки меҳмонони хориҷӣ ва дар мавзӯи тиҷорати занон ва дастгирии он, саёҳи, арзишҳои миллӣ мероси ғайриммодӣ КНК Юнеско баргузор гардид. Кори Конференсияро Мукаррама Қаюмова оғоз намуда меҳмонони олиқадрро, ки аз ҷумҳуриҳои ба мо дӯсту бародар ба кишвари азизу меҳмондӯстӣ мо Тоҷикистон ташриф овარданд, хуш омадед гуфт. Зикр намуданд, ки зани тоҷик бо поксириштӣ ва маърифатнокии хеш тавониста, ки дар самти тиҷорат ва савдо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, дар рушд ва пешрафти ҷомеа саҳми арзандаи хешро гузорад. Имрӯз нақши занон дар раванди соҳибкорӣ ва тиҷорат назаррас арзёбӣ мегардад, ки ин аз поквиҷдонона ва сарфакорона кору фаъолият намудани занони тоҷир дарак медиҳад. Меҳмонони хориҷӣ аз Мукаррама Қаюмова барои ин ҳамоиши бо шукуҳ минатдорӣ намуда қайд намуданд, ки Мукаррама Қаюмова ҳунари волои мардуми тоҷикро ба ҷаҳониён иброз намуд

Боиси ифтихорaст, ки муовини ректор оид ба тарбия Юсупова З.Р. дар мавзуи”Ҳунар-Давлати поянда ва чашмаи зоянда” баромад намуда обрӯ ва нуфузи донишгоҳро дар назди меҳмонони дохилию хориҷӣ баланд нигоҳ доштанд, муалима қайд намуданд, ки барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги давраҳои гузаштаро инъикос месозанд ва сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд, аз ҷониби устодони факултаи технология ва дизайни донишгоҳ бо як маҳорату касбияти воло ба донишҷуён пешниҳод мегардад. Дар вақти музокираи саволу ҷавоб тароҳ - Хайридин Зайнидинов аз водии Фарғонаи Ҷумҳурии Узбекистон пешноҳод намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивали байналмилаллии тоҷикони ҷаҳон гузаронида шавад, аз тарафи Амонзода Ширин муовини Раиси Кумитаи рушти сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Бунёди байнанмилаллии Ҳунарҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳафт Пайкар” Мукаррама Қаюмова ба назар гирифта шуд.



Мудири бахши кор
бо занон ва духтарон Раҷабова С.А.